# Тақриз

**Роҳбари кори илмии Аламуратов Бахтиёр Боронович доир ба мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01. – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

Дар Тоҷикистон чорводорӣ дар қатори пахтакорӣ ва ғаллакорӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо гӯшту шир ва дигар маҳсулоти ғизоӣ, онро минбаъд тараққӣ додан шарт ва зарур аст.

Захираҳои биоиқлимии ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар шароити риояи қатъии интизоми технологӣ, ва ҷамъоварии ҳосил ва инчунин интихоби мувофиқи навъу дурагаҳо шароит фароҳам меоварад, ки аз ҳар як гектари заминҳои корами обёришаванда дар як сол ду ҳосили дон рӯёнида шавад.

Дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷуворимакка яке аз зироатҳои пурбаҳои хӯроки чорво барои киштҳои ангорӣ ба шумор меравад.

Аламуратов Б.Б. ба сифати унвонҷӯй барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба аспирантура дохил шуда, ба кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур вобаста шуда буданд.

Дар давраи аспирантура Б.Б. Аламуратов фаъолияти худро ба таври фаъол ва мунтазам ба роҳ монда, ба истифода аз маслиҳатҳои роҳбари кори илмӣ, муҳлати иҷрошавии ҳар як қисми кори диссертатсиониро риоя карда, онро ба итмом расонданд.

Аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва илмии кори илмӣ диссертатсионӣ дар он аст, ки якумин маротиба дар шароити заминҳои обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон маҷмуи тадқиқотҳои илмӣ доир ба омӯзишм самаранок парвариш намудани ҷуворимаккаи ангорӣ гузаронида шудааст, ки барои кардани хӯроки чорво, тухмӣ, вобаста аз навъ ва зичии ниҳолҳо иҷро карда шудааст.

Б.Б.Аламуратов дар давраи гузаронидани тадқиқот, коркарди маводҳо, ба низом даровардани онҳо, таҳлили маълумотҳои ба даст овардашуда меҳнатдӯстона, устуворона, бовиҷдон онҳоро иҷро намуданд.

Мазмуни кори диссертатсионӣ ба таври пурра дар 15 мақолаҳои кори илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи Олии аттестатсионӣ пешниҳод шуда ба чоп расонида шудаанд.

Мазмуни асосии кори диссертатсионӣ ба воситаи маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалии умумихалқӣ баён карда шуда, ба таври мусбӣ баҳогузорӣ карда шудаанд.

Ҳамчун роҳбари илмӣ, фикр мекунам, ки Б.Б.Аламуратов ба таври мустақилона кор карданро аз худ намудааст ва барои ноил шудан ба унвони номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ муносиб дониста мешавад.

Роҳбари кори илмӣ,доктори
илмҳои кишоварзӣ, профессори
кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли
хӯроки чорвои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур ______________ М.С.Норов

Имзои Норов М.С. – ро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шохтемур ______________ Раджабова Н.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, хиёбони Рӯдакӣ, 146 Е – mail: nmastibek@mail.ru. Тел: 919 – 46 – 95 – 46